*ТДУ 8Т*


**АРЗИШ ВА АҲАМИЯТИ ТАРҶУМАҲОИ ӮЗБЕКИИ АШЪОРИ ҲОФИЗ**

***Қаюмова Феруза Абдувойитовна,*** *н.и.ф. дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**ЦЕННОСТЬ И ЗНАЧЕНИЕ УЗБЕКСКИХ ПЕРЕВОДОВ СТИХОВ ХАФИЗА**

***Каюмова Феруза Абдувоитовна,*** *к.ф.н., доцент кафедры таджикской классической литературы ГОУ «Худжандский государственный университет имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

**THE VALUE AND SIGNIFICANCE OF UZBEK TRANSLATIONS OF HAFEZ`S POETRY**

***Kayumova Feruza Abduvoyitovna***, *Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Tajik Classical Literature, SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand)* ***E-mail:*** *simin36@mail.ru*



***Калидвожаҳо:*** *матни аслӣ, тарҷума, таъсир, равобити адабӣ, таъсири шоирони классикии тоҷику форс ба шоирони ӯзбек, ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ, мутарҷимони ашъори Ҳофиз, вазн, қофия ва радиф, арзиши тарҷумаҳои ӯзбекии ашъори Ҳофиз, таҳлили қиёсии тарҷумаҳо бо асл.*



*Мақолаи мазкур ба баррасии тарҷумаҳои ӯзбекии ашъори Ҳофизи Шерозӣ, мақоми шоир дар адабиёти ӯзбек, таваҷҷуҳи мутарҷимони ӯзбекзабон ба ашъори Ҳофиз, мавҷудияти якчанд вариантҳои тарҷумаи ӯзбекии ғазалиёти Ҳофиз ва арзиш ва аҳамияти адабии онҳо, таҳлили қиёсии онҳо бо матни аслӣ бахшида мешавад. Таъкид мегардад, ки Ҳофизи Шерозӣ дар баробари дар мақоми бузург доштан дар адабиёти классикии тоҷик ба адабиёти туркизабон низ таъсири самарабахше расонидааст. Дар натиҷа суханварони зиёди туркигӯй низ аз Ҳофиз таъсир пазируфтанд, ба ӯ пайравӣ карданд ва ба ғазалҳояш татаббуъҳо бастанд. Ҳамчунин кӯшишҳои мутарҷимони зиёди муосири ӯзбек Хуршид, Муинзода, Чустий, Васфий, Шоислом Шомуҳамедов, Ҷуманиёз Ҷабборов, Эркин Воҳидов, М. Кенҷабек дар тарҷумаи ӯзбекии ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ таҳлил ва баррасӣ гардида, ба сифати беҳтарин намунаҳо тарҷумаҳои Хуршед, Чустий, А. Суюн, Ш. Шомуҳаммедов, М. Шайхзода ва дигарон муаррифӣ мегардад.*



***Ключевые слова:*** *оригинальный текст, перевод, влияние, литературные связи, влияние таджикско-персидских классических поэтов на узбекских поэтов, газели Хафиза Ширази, переводчики стихов Хафиза, метр, рифма и редиф, ценность узбекских переводов стихов Хафиза, сравнительный анализ переводов с оригиналом.*



*Данная статья посвящена рассмотрению узбекских переводов стихов Хафиза Ширази, месту поэта в узбекской литературе, вниманию узбекскоязычных переводчиков к поэзии Хафиза, наличию нескольких вариантов узбекского перевода газелей Хафиза, их ценности и литературному значению, сравнительному анализу их с оригинальным текстом. Подчеркивается, что Хафиз Ширази, наряду с тем, что занимает великое место в таджикской классической литературе, оказал плодотворное влияние и на тюркоязычную литературу. В результате многие тюркоязычные поэты также находились под влиянием Хафиза, подражали ему и писали татаббу ([ответы) на его газели. Также анализируются и рассматриваются усилия многих современных узбекских переводчиков, таких как Хуршид, Муинзода, Чустий, Васфий, Шоислом Шомухамедов, Жуманиёз Жабборов, Эркин Вохидов, М. Кенжабек, О в узбекском переводе газелей Хафиза Ширази, и в качестве лучших образцов представлены переводы Хуршеда, Чустия, А. Суюна, Ш. Шомухаммедова, М. Шайхзода и других.*



**Keywords:** *original text, translation, influence, literary relations, the influence of classical Tajik-Persian poets on Uzbek poets, ghazals of Hafez Shirazi, translators of Hafez's poetry, meter, rhyme and*

*radif, the value of Uzbek translations of Hafez's poetry, comparative analysis of translations with the original.*

*The article dwells on the consideration of Uzbek translations of Hafez Shirazi`s poetry, the poet`s status in Uzbek literature, Uzbek-speaking translators` attention to Hafez's poetry, the existence of several variants of the Uzbek translation of Hafez's ghazals and their value and literary significance; their comparative analysis with the original text being taken into account as well. It is emphasized that Hafez Shirazi, alongside with holding a great position in classical Tajik literature, also had a fruitful influence on Turkic-language literature. As a result, many Turkic-speaking poets were also influenced by Hafez imitated him, and wrote tatabbu' (poetic responses) to his ghazals. Many modern Uzbek translators`s efforts such as Khurshid, Muinzoda, Chustiy, Vasfiy, Shoislom Shomukhamedov, Jumaniyoz Jabborov, Erkin Vohidov, M. Kenjabek in the Uzbek translation of Hafez Shirazi`s ghazals are also analyzed and considered, and the translations of Khurshid, Chustiy, A. Suyun, Sh. Shomukhammedov, M. Shaykhzoda, and others are presented as the best examples.*

Мусаллам аст, ки дар рушд ва такомули алоқаҳои адабиву фарҳангӣ муҳимтарин рисолатро мутарҷимон анҷом медиҳанд. Зеро маҳз ба туфайли тарҷума мардуми олам аз таъриху фарҳанг, дастовардҳои зеҳнӣ, ормону ғояҳои неки инсонии якдигар огоҳ мегарданд ва ба адабиёту фарҳанги ҳамдигар роҳ меёбанд. Аз ин рӯ, тарҷумаро "пули тиллоӣ байни дилҳо" меноманд, ки воқеан, дуруст аст. Дар ин мақола доир ба кори баъзе аз мутарҷимони ӯзбек, ки даст ба тарҷумаи ашъори Лисонулғайб Ҳофизи Шерозӣ заданд, изҳори андеша менамоем, ҳамчунин то қадри имкон аз ҳусну қубҳи кори эшон. Мавзуи баҳси мо, асосан, атрофи тарҷумаи ғазалҳои шоир сурат мегирад.

Бояд зикр намуд, ки дар қисмати зиёди эҷодиёти шоирони классикии ӯзбек таъсири пурсамари ашъори намояндагони забардасти форсу-тоҷик Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Румӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Камол ва дигаронро метавон дид. Ҳамчунин дар адабиёти муосири ӯзбек низ таваҷҷӯҳ ба ашъори классикони тоҷик афзун буда, масъалаи тарҷумаи ин осор хеле рушд намудааст. Ҳофизи Шерозӣ, ки дар адабиёти классикии тоҷик дорои мақом ва манзалати хос ва мактаби бузурги эҷодӣ аст, бо шаҳомату файзи ашъораш ба адабиёти туркизабон низ бетаъсир намондааст. Дар баробари шоирони форсизабон суханварони зиёди туркигӯй низ аз Ҳофиз таъсир пазируфтанд, ба ӯ пайравӣ карданд ва ба ғазалҳояш татаббуъҳо бастанд. Аз ҷумла, Навоий, Абдураҳим Ҳофизи Хоразмӣ, Заҳириддин Бобур, Машраб, Нодира, Роқим, Гулханӣ, Комил, Фурқат, Писандӣ, Юсуф Сарёмӣ, Махмур ва аз ашъори Ҳофиз баҳра бардоштанду ба ӯ иродатмандона пайравӣ намуданд, ки ин мавзуъ ва баҳси алоҳида мебошад [2, с. 456].

Ҳамчунин кӯшишҳои мутарҷимони зиёди муосири ӯзбекро дар тарҷумаи ӯзбекии ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ мебинем, аз ҷумла, донандагони хуби адабиёти форсӣ-тоҷикӣ Хуршид, Муинзода, Чустий, Васфий, Шоислом Шомуҳамедов, Ҷуманиёз Ҷабборов, Эркин Воҳидов, Мақсуд Шайхзода, Ҷамол Камол, Сироҷиддин Саййид ва дигарон маҳсули хуби эҷодӣ дар ин самт доранд.

Шиносоӣ бо таҷрибаҳои тарҷумонии халқҳои гуногун ҳаминро нишон медиҳад, ки вақте асари баркамолу мураккаб ба муҳити адабии дигар ворид мешавад, аз фазилатҳои табиии худ маҳрум мегардад ё ки баръакс нисбат ба нусхаи аслӣ мураккабтар мешавад. Комилов Н. тарҷумаи осори лирикӣ аз забони тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ, махсусан, тарҷумаи ғазалро ҷараёни мураккаб шуморида, таъкид месозад, ки дар он бо нуктаҳои зерин бояд таваҷҷуҳ намуд: а) нигоҳ доштани мазмун ва мундариҷа; б) инъикос намудани бадеияти аслӣ, образ, санъатҳои бадеӣ; в) мушоҳидаи оҳанги ғазал; г) таваҷҷӯҳи ҷиддӣ ба вазн; ғ) дарёфти қофияи муносиб; д) инъикоси радиф [1, с. 45].

Вазн дар шеъри классикӣ омили бисёр муҳим ба шумор меравад, ба ибораи дигар гӯем, тарозуи шеър аст. Вазн дар кушодани эҳсосу андешаҳои шоир, мақсади ӯ, дар устувор сохтани таъсир ва оҳанги шеър хидмат менамояд. Дар шеъри ӯзбекӣ вазни арӯз, ҳиҷоӣ ва озод мавҷуд аст. Вазни арӯз хоси ашъори классикии тоҷикиву ӯзбекӣ буда, аз ҷиҳати вусъати доираи баҳрҳо мураккабтар мебошад. Бояд зикр намуд, ки дар ҷараёни тарҷумаи осори лирикӣ аз забони тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ риоя намудани вазни аслӣ низ кори мушкил аст. Ҳарчанд вазни арӯз хоси адабиёти классикии ӯзбек низ ҳаст, аммо вобаста ба табиати забон ва хусусияти овозии ҳар ду забон тафовути муайяне дар вазни арӯзи ҳар ду адабиёт мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, дар кори мутарҷимони ӯзбек баъзе вижагиҳо, баъзе нозукиҳое мавҷуд аст, ки риояи онҳо натиҷаи корро комил мегардонад.

Ҳофизи Шерозӣ дар аксарият баҳрҳои вазни арӯз маҳорати суханварии худро санҷидааст ва муваффақ ҳам шудааст. Ин ҷо масъалае бармеояд, ки оё тарҷумонҳои ӯзбекии шеъри Ҳофиз дар нигаҳдории вазни ғазалҳои ӯ то чи андоза муваффақ шуданд? Чунки вазни шеърро инъикос намудан оҳанг, кайфият ва ҳиссиёти онро баён сохтан аст. Яъне шоирон дар интихоби вазн ба мазмун ва моҳияти ғазал, рӯҳият ва кайфияти қаҳрамони лирикӣ диққат медиҳанд, аз ин рӯ, то қадри имкон риоя кардани ин қоида дар тарҷума муҳим мебошад. Дар тарҷумаи ғазалҳои Ҳофиз низ мутарҷимон Хуршид, Чустӣ, Шоислом Шомуҳаммедов, Эркин Воҳидов, Азим Суюн дар ин ҷода кӯшишҳо ва ҷустуҷӯҳои ҷиддӣ намудаанд. Эшон вазни ғазалҳоро ҳамчун омили асосӣ ва муҳим пазируфта, дар тарҷумаи ғазалҳо низ барои вазни аслиро нигоҳ доштан сайъ намудаанд. Масалан, дар девони ба забони ӯзбекӣ чоп гардидаи Ҳофиз (дар соли 1958) аксарияти ғазалҳо дар баҳри ҳазаҷ омадаанд. Онҳо мисли нусхаи аслӣ латиф ва мусиқияташон устувор аст. Гуфтан мумкин аст, ки мутарҷимон аз имконияти забони ӯзбекӣ ва анъанаҳои ғазалнависӣ истифода намуда, маънои поэтикии ғазалҳоро ба вазнаш мутобиқ сохтанд ва дар ин роҳ муваффақ ҳам шудаанд.

Баҳри ҳазаҷ яке аз вазнҳои хушоҳанг ва маъмули назми форсу тоҷик аст. Ғазали машҳури Ҳофиз "Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро" низ дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим эҷод гардидааст:

***Агар он тур/ки шерозӣ/ба даст орад/дили моро,***
***Ба холи ҳин/дуяш бахшам/Самарқанду/ Бухороро [9, с . 43].***

{*мафоилун/ мафоилун/ мафоилун/ мафоилун]*

Тарҷумон Хуршед дар баргардони худ вазни аслиро нигоҳ медорад:

***Агар кўнглим/ни шод этса/ўшал Шероз жонони,***
***Қаро холи/га бахш этгум/Самарқанду/Бухорони [12, с. 19].***

Ин ғазал аз ҷониби М. Шайхзода ва А. Суюн низ тарҷума гардида, дар тарҷумаи онҳо низ вазн риоя мешавад, вале тарҷумаи Хуршед аз ҳар ҷониб хубтару муваффақтар баромадааст. Барои муқоиса тарҷумаи онҳоро низ меорем:

Тарҷумаи Азим Суюн:

***Агар кўнглим/ни ололса/ўшал Шероз ҷонони,***
***Қора холи/га бахш этгум/ Самарқанду/Бухорони [1, с. 54].***

Тарҷумаи Мақсуд Шайхзода:

***Дилимни сий/ласа шояд/ бу Шероз шаҳри жонони,***
***Қора холи/га бергайман/Самарқанду/ Бухорони [1, с. 54].***

Ғазали "Даст аз талаб надорам, то коми ман бароял" –и шоир, ки дар баҳри мунсареҳи мусаммани солими махбуни макшуф навишта шуда, оҳанги мусиқӣ ва шӯх дорад:

***Даст аз талаб/надорам/то коми ман/барояд,***
***Ё тан расад/ба ҷонон/ ё ҷон зи тан/ барояд.***
***Бикшой тур/батамро/баъд аз вафо/ту бингар,***
***К-аз оташи/дарунам/дуд аз кафан/барояд [10, с. 218].***

Вазн дар тарҷумаи ӯзбекиаш:

***Қўл тортмагум/ тилакдан/лутф этмагун/ча дилбар,***
***Ё ҷон кетар/танимдан/ё васл бўлур/муяссар.***
***Ўлгач очиб/мазорим,/боқғил ўлук/танимга,***
***Бағрим ёниб,/ кафандан/кўкка чиқар/ тутунлар [10, с. 63].***

Таҳлил ва муқоисаи мисолҳои овардашуда собит менамояд, ки дар тарҷумаи ин ғазалҳо на танҳо вазни шеър боқӣ мондааст, балки унсурҳои дигари он низ мисли қофияву радиф, мазмун, оҳанг ва ғайра низ моҳирона инъикос ёфтааст. Чунки танҳо ба вазн эътибор дода, дигар унсурҳои ғазалро аз таваҷҷӯҳ дур сохтан тарҷумонро дар кори худ муваффақ намегардонад. Албатта, баъзе тарҷумаҳои ӯзбекии шеъри Ҳофиз низ вомехӯрад, ки дар онҳо вазни аслӣ нигоҳ дошта нашудааст, аммо ин хел ҳолат хеле кам ба назар мерасад.

Шоир ва тарҷумон Хуршед кӯшиш ба харҷ медиҳад, то бо нигоҳ доштани вазну баҳри ғазалҳо ҳофизона баромадани тарҷумаҳояшро таъмин намояд. Дар тарҷумаҳои Чустӣ бошад, мазмуну образҳо хуб баён гардида, вазну оҳанги шеър камтар тағйир пазируфтааст.

Ғазали зеринро дар тарҷумаи Чустӣ мебинем, Ҳофиз менависад:

***Гул бе рухи ёр хуш набошад,***
***Бе бода баҳор хуш набошад.***
***Тарфи чаману тавофи бӯстон,***
***Бе лолаузор хуш набошад.***
***Рақсидани сарву ҳолати гул,***
***Бе савти ҳазор хуш набошад.***
***Боғу гулу мул хуш аст, лекин***
***Бе суҳбати ёр хуш набошад.***
***Ҳар нақш, ки дасти ақл бандад,***
***Бе нақшу нигор хуш набошад.***
***Бо ёри шакарлаби гуландом,***
***Бе бӯсу канор хуш набошад.***
***Ҷон нақди муҳаққир аст Ҳофиз,***
***Аз баҳри нисор хуш набошад [10, с. 165].***

Тарҷумаи Чустӣ:

***Гул ҷамоли дилга ёқмас бенигор,***
***Завқи йӯқдир бодасиз бӯлса баҳор.***
***Баҳраси йӯқ боғу бӯстон сайрини,***
***Бӯлмаса бир лола юзли гулизор.***
***Қилмаса булбул тараннум боғаро,***
***Сарву гул рақсида бӯлмас эътибор.***
***Нозу неъмат, боғу гул яхши, вале-***
***Лаззати йӯқ бӯлмаса суҳбатда ёр.***
***Ер юзидан ӯзгаси манзур эмас,***
***Ҳушни банд этгувчи ҳар суратки бор.***
***Гулбадан, лаъли шакар дилдор билан***
***Бӯсасиз бӯлса висол не завқи бор?***
***Қадри йӯқ Ҳофиздаги ҷон нақдини,***
***Арзимас қилмоқ учун ёрга нисор [11, с. 45].***

Шоир тибқи мавзуи ғазал, ки хушҳолиро ифода менамояд, вазни ҳазаҷи мусаддаси мақсурро интихоб кардааст. Тарҷума бошад, дар баҳри рамали мусаддаси маҳзуф эҷод шудааст, аз ин рӯ, тағйироти андаке дар оҳанги шеър дида мешавад.

Тарҷумаи мазкурро бо дарназардошти комилияти қофия, вазн, маъно, ҳамчунин оҳанги ҳофизонааш метавон тарҷумаи хуб шуморид, аммо холӣ аз норасоиҳо нест [робита байни мисраъҳои байти панҷум устувор нест; инчунин қофиябандии мисраъҳои дуюми байтҳои панҷум ва шашум комил нест].

Дар ғазали мазкур радифи “хуш набошад” ҳашт маротиба такрор шудааст, дар тарҷума бошад, ба ҷои ин радиф шакли дигари феъл истифода мегардад. Калимаҳои ҳамқофияи дар нусхаи аслӣ ва дар тарҷума истифодашуда чунин аст:

| | |
|---|---|
| 1] ёр | бенигор |
| 2] баҳор | баҳор |
| 3] лолаузор | гулизор |
| 4] ҳазор | эътибор |
| 5] ёр | ёр |
| 6] нигор | бор |
| 7] канор | бор |
| 8] нисор | нисор |

Ҳофиз дар интихоби қофияи ғазалҳо эътибори ҷиддӣ медиҳад ва калимаҳои равону хушсадоеро интихоб мекунад, ки ба рӯҳият ва кайфияти шеърхон таъсирбахш бошад. Ҳоло ба кори мутарҷимони ӯзбекӣ таваҷҷуҳ менамоем, дар тарҷумаи қофияи ашъори Ҳофиз чи маҳорат нишон додаанд. Ҷоизи таъкид аст, ки дар мавридҳои зиёд онҳо аз уҳдаи ин вазифа

хеле моҳирона баромадаанд. Қофияҳоро низ вобаста ба мазмуни мисраъҳо хуб интихоб кардаанд. Масалан, ба тарҷумаи ғазали “Ало ё айюҳассоқӣ адир каъсан ва новилҳо” назар меандозем:

***Ало ё айюҳассоқӣ адир каъсан ва новилҳо,***
***Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо.***
***Ба май саҷҷода рангин кун, агар пири муғон гӯяд,***
***Ки солик бехабар набвад зи роҳу расми манзилҳо.***
***Шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳоил,***
***Куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо [10, с. 42].***

Ба сифати қофияи ғазал калимаҳое интихоб гардидааст, ки маънои байтҳоро пурқувват мегардонад. Калимаҳои ҳамқофияи “**новилҳо-мушкилҳо-манзилҳо-соҳилҳо**...” хеле бамаврид омадааст.

Тарҷумони ӯзбекии ин ғазал Хуршид барои дар шакли ӯзбекиаш низ нигоҳ доштани ҳамин қофияҳо кӯшиш мекунад:

***Аё соқӣ, суниб жоминг, қил эҳсон яшнасин диллар,***
***Кӯрунди аввал ишқ осону сӯнгра тушти мушкиллар.***
***Ботир сажжодани майга агар пири муғон айтса,***
***Йӯловчига эрур маълум йӯл аҳволи ва манзиллар.***
***Қоронғидир кеча, қӯрқинчли мавҷи, даҳшатлидир гирдоб,***
***На билгай ҳолимизни четда турган юки енгиллар [12, с. 6].***

Дар тарҷума байтҳои болоӣ ними қофияҳои аслӣ нигаҳ дошта шудааст. Ба шарофати қаробати луғавии забонҳо калимаҳои “мушкиллар, манзиллар” дар тарҷумаи ӯзбекӣ низ ба маъно ва шакли худаш омадааст.

Аз назар гузаронидани тарҷумаҳои ӯзбекии ғазалҳои Ҳофиз ҳаминро нишон медиҳад, ки мутарҷимон дар овардани қофия аз якчанд роҳ рафтаанд:

1. Қофияҳои эҷоднамудаи Ҳофизро дар тарҷумаи ӯзбекиаш айнан нигоҳ доштан;
2. Қофияҳои ашъори Ҳофизро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардан;
3. Ба ҷойи калимаҳои ҳамқофияи тоҷикӣ калимаҳои дигари аз ҷиҳати мазмун мувофиқро истифода намудан.

Дар ғазалнависии классикӣ мавқеи радиф низ хеле муҳим буда, ин унсури шеърӣ оҳангу мусиқият ва дилпазирии ғазалро таъмин менамояд. Дар тарҷумаи ғазалҳои Ҳофиз мутарҷимон бештар бо роҳи тарҷума кардани калимаи радиф мераванд ва ҳамин роҳро беҳтар меҳисобанд.

Кӯшишҳои мутарҷимонро дар ин ҷода назар меафканем, Ҳофиз:

***Рӯзи васли дӯстдорон ёд бод,***
***Ёд бод он рӯзгорон ёд бод! [10, с. 118]***

Шоир ва тарҷумон Хуршед радифи “ёд бод” –ро оҳанги ӯзбекӣ медиҳад ва ин тарҷума воқеан, дар ӯзбекӣ ҳамон маънои аслро дода тавонистааст:

***Дӯстлар базми висолин эсда тут,***
***Эсда тут, дӯстлар жамолин эсда тут! [12, с. 45]***

Ёки байти дигари Ҳофиз чунин тарҷума мегардад:

***Салоҳи кор куҷову мани хароб куҷо,***
***Бубин тафовути раҳ аз куҷост, то ба куҷо [10, с. 50]?***

Тарҷумааш:

***Қаёнда ӯнгламоқ ишни ва мен хароб қаён,***
***Бу йӯл қаёнда-ю мен қайдаман, жавоб қаён? [12, с. 63]***

Маълум мешавад, ки тарҷумаи ӯзбекии радифҳои Ҳофиз дар пурқувват намудани таъкид ва мазмун басо мувофиқ афтодааст.

Умуман, дар адабиёти муосири ӯзбек мутарҷимон ва шоирони зиёд ба шеъри Ҳофиз мутаваҷҷеҳ шуданд ва ба қадри зарфият ва истеъдоди худ аз ашъори ин шоири маҳбуб

тарҷумаҳо карданд. Чанд мисоли баррасигардида нишон медиҳад, ки турҷумонҳо дар кори худ хеле сайъ намуданд, то ки матлабҳои аслии Ҳофизро дар забони модарии худ инъикос намоянд. Илова бар ин, бояд қайд намуд, ки воқеан ҳам вазн ва ҳам мазмуни шеърро дар тарҷума нигоҳ доштан кори мушкил аст. Бо вуҷуди ин тарҷумонҳои ӯзбекии ғазалиёти Ҳофиз дар ин кор маҳорати худро нишон дода, намунаҳои беҳтарини шеъри Ҳофизро ба хонандаи ӯзбек пешниҳод намуданд. Албатта, дар ҳаҷми як мақола имкони баррасии ҳамаи он тарҷумаҳо набуд, мо қадри имкон танҳо ба кори 4-5 мутарҷим таваҷҷуҳ ва истифода намудем, ки аз онҳо кори Чустӣ, Хуршед, Азим Суюн, Мақсуд Шайхзодаро метавон ҳамчун беҳтарин тарҷумаҳо муаррифӣ кард. Дар даврони истиқлол боз чанд намунаи тарҷумаҳои шеъри Ҳофиз ба вуҷуд омадааст, ки оянда ниёз ба таҳлилу баррасии муҳаққиқон доранд.

**АДАБИЁТ:**


1. Комилов Н. Бу қадимий санъат...- Тошкент: Адабиёт ва санъат, 1988. – 187 б.
2. Қаюмова Ф. Назаре ба тарҷумаҳои туркӣ-ӯзбекии осори адибони форсу тоҷик. - Маҷмӯаи «Сунъи беҳин» бахшида ба 60-солагии Савринисо Ғанизода. Хуҷанд: Ношир, 2017.-с.455-463
3. Абдуқодиров А. Амир Алишер Навоий ва тоҷик мумтоз шоирлари. – Хуҷанд: Хуросон, 2007. -83 с.
4. Азимов М. Ҳофиз Шерозӣ ва ӯзбек адабиёти. – Тошкент: Минҳоҷ, 2004. – 215 с.
5. Саломов Ғ. Таржима назарияси асослари Тошкент-Ӯқитувчи, 1983. -232 б.
6. Холмӯминов Ҷ. Ҳазратқулов Ҷ. Форсий адабиётнинг ҷаҳон адабиётидаги ӯрни. – Тошкент: Янги нашр, 2012. – 285 б.
7. Худойдодов А. Месте газелей Хафиза в истории таджикско-узбекских литературных связей [XIV-XIX вв.] Автореферат. – душанбе, 1991. – 24 с.
8. Худойдодов А. Таърихи ҷустуҷӯ, дарёфт ва табъу нашри девони Ҳофизи Хоразмӣ ва баҳрабардориҳои ӯ аз Ҳофизи Шерозӣ//Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ: Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабиии халқҳои тоҷику ӯзбек/. - Душанбе: ДДОТ, 2023. –с.5- [19-24]
9. Хоразмӣ, Ҳофиз. Девон/ Нашрга тайёрловчилар Ҳ. Сулаймонов, Ф. Сулаймонова. – Тошкент: Фан, 1981. – 303 бет.
10. Шерозӣ, Ҳофиз. Куллиёт. - Душанбе: Адиб, 2015. – 480 с.
11. Шерозий, Ҳофиз. - Ғазаллар [Ш. Шомуҳаммедов таржимаси] – Тошкент: Фан, 1965. - 68 бет.
12. Шерозий, Ҳофиз. Девон [Хуршид таржимаси]. – Тошкент: Ӯқитувчи, 1958. – 195 б.
13. https://ziyouz.uz/jahon-sheriyati/fors-tojik-sheriyati/hofiz-sheroziy/